**ПАЁМИ ТАБРИКИИ**

**РАИСИ НОХИЯИ ЗАФАРОБОД МУРОДЗОДА МУКИМ КАЮМ**

**БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ**

**Устодону омӯзгорони мухтарам!**

**Хонандагони азиз!**

Дар огози соли тахсил тачлил намудани Рӯзи дониш ба яке аз анъанахои неки
умумимилл ӣ
табдил ёфтааст. Якуми сентябри
х
ар сол к
ӯ
дакони хушбахти замони исти
к
лол ба остонаи муассиса
х
ои таълим
ӣ

к
адам мегузоранд ва ба ом
ӯ
зиши саводу дониш, одобу ахло
к
ва илму маърифат о
г
оз менамоянд.

Инак, пас аз таътили тобистона таълимгоххои нохияамон ба Шумоён огӯши худро боз намуданд ва соли нави тахсили 2025-2026 огоз гардид. Аз ин лихоз, пеш аз хама кулли мардуми нохия, бахусус муаллимону шогирдони тамоми таълимгоххои нохияро ба муносибати огози соли нави тахсил, Рӯзи дониш ва чашни 34-солагии Истиклоли давлатии Чумхурии Точикистон, ки баъди чанд рӯз тачлил хохем кард, табрик намуда, ба ахли мактабу маориф саломативу хушбахтӣ ва комёбихо орзу менамоям.

Мукаддастарин боргох барои хар як фарди чомеа мактаб аст ва шогирдон илму маърифатро махз дар ин макон меомӯзанд. Дар хакикат Рӯзи дониш идест, ки хамеша хурду калонро ба хаяжон меоварад ва нафареро пайдо намудан мумкин нест, ки кадамхои нахустини худро ба сӯи мактаб намонда бошад, лахзахои занги аввал ва муаллими аввалини худро дар хотир надошта бошад. Ин рӯзи муборакро хар сол тамоми устодону шогирдон бо як шахомати хос чашн мегиранд.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар замони сохибистиклолии кишварамон сохаи маорифро яке аз самтхои афзалиятноки сиёсати ичтимоӣ, тахкими давлат ва начоти миллат арзёбӣ намудаанд. Хукумати Чумхурии Точикистон ба омӯзгорон ва сохаи маориф хамарӯза таваччухи хоса зохир мекунад ва ин гамхорӣ нисбати онхо ба хотири рушду такомули маорифи кишвар, боло бурдани сифати таълим, ворид шудан ба фазои чахонии тахсилот, ба шароити замона мутобик намудани мазмуну мундаричаи таълим, тарбияи мутахассисони асил барои чомеа мебошад.

Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохияи Зафаробод якчоя бо вохидхои сохтории худ дар ташаккули сохаи маориф ва пешрафти таълиму тарбия корхои зиёдеро ба анчом расониданд. Соли чорӣ хамаи бинохои таълимии мактабхои нохия дар хамкории Макомоти ичроияи махаллии хокимияти давлатӣ бо кумитахои падару модарон, сарпарастон ва сохибкорони махаллӣ аз таъмири хушсифат бароварда шуданд. Чихати таъмини муассисахои таълимии нохия бо мизу курсихо ва лавозимоти муосири таълим

корхои муайян ба сомон расонида шуд. Алхол дар нохия 25 муассисаи таълимӣ, аз чумла 22 мактаби тахсилоти миёнаи умумӣ, 2 литсей, 1 гимназия фаъолият менамоянд. Дар муассисахои таълимии нохия 17 хазору 825 нафар чавонону наврасон тахсил мекунанд ва ба онхо 1090 нафар омӯзгорон таълиму тарбия медиханд, ки 728 нафари онхо занхо мебошанд. Соли тахсили сипаришуда 869 нафар чавонон сохиби номаи камол гардиданд, ки шумораи зиёди онхо ба мактабхои олии мамлакат, коллечу литсейхои касбӣ дохил шуданд. Аз 60 нафар довталабони Квотаи Президентӣ 17 нафар, аз чумла 9 нафар духтарони болаёкат тибки Квота ба муассисахои олию касбӣ дохил шуданд
.
Инчунин,
20
нафар хатмкунандагони муассисахои таълимии нохия ба мактабхои олии Федератсияи Россия дохил шуданд.

Бояд зикр намуд, ки бахри харчи бештар ба тахсили ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ фаро гирифтани наврасону чавонон ва баланд бардоштани дарачаи касбомӯзӣ дар нохияи Зафаробод як коллечи омӯзгорӣ, як коллечи политехникӣ ва ду литсейи касбии техникӣ фаъолият менамоянд. Фаъолияти пурсамари хатмкардагони ин зинаи тахсилот дар пешрафти хаёти иктисодиву ичтимоии нохия накши худро дошта, таваччухи корхонаю муассисахо ба мутахассисони омоданамудаи ин зинаи тахсилот бештар гардидааст.

Таъминоти муассисахои таълимӣ бо кадрхои омӯзгорӣ дар мехвари сиёсати Хукумат карор дорад. Чолиби кайд аст, ки то имрӯз 25 нафар кадрхои чавони сохаи омӯзгорӣ тибки роххати Вазорати маорифи Чумхурии Точикистон дар нохия ба кор кабул карда шуданд.

Макомоти ичроияи хокимияти давлатии нохия бахри амалӣ намудани ислохоти сохаи маориф ва ичрои Барномахои Хукумати Чумхурии Точикистон оид ба сохаи маориф, инчунин дастуру супоришхои Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон, ки зимни суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва дарси сулх дар Донишгохи байналмилалии сайёхӣ ва сохибкории Точикистон санаи 30 августи соли чорӣ баён доштаанд, тамоми чораю тадбирхоро меандешад.

Бори дигар кулли ахли маорифи нохия, хонандагон ва хамдиёрони азизро ба муносибати огози соли нави тахсил ва Рӯзи дониш, инчунин, 34-солагии чашни бузурги Истиклоли давлатӣ самимона табрик гуфта, ба хар яки шумо – хозирини гиромӣ – барори кор ва ба хонандагони муассисаи таълимӣ хониши аъло орзу менамоям.

***Ҳамеша саломату хушбахт бошед!***